آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

20 апрели соли 2022 Чоршанбе № 31 (14836)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

САМАРАНОКИИ НИЗОМИ КОР ДАР БАСТИ МАҲАЛЛАҲО АЗ ЛИҲОЗИ ТАНҚИДӢ ТАҲЛИЛ ГАРДИДАНД

Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 19 апрел ҷамъомади видеоселекторӣ аз рӯи масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии низоми кор дар басти маҳаллаҳо ва таъмини шуғли аҳолӣ баргузор гардид.

Иҷрои ин вазифаҳо аз бисёр лиҳоз аз иқтисодиёти минтақаҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ барои рушди соҳибкорӣ равон намудани беш аз 500 миллион доллар ва зиёдтар аз 2 триллион сӯм ба нақша гирифта шудааст. Ҳамзамон бинобар масъалаҳое, ки бештар боиси нигаронии соҳибкорон гардидаанд – содда намудани маъмурияти андоз, сабук гардондани тартиби иҷозатдиҳӣ ва санҷиш чораҳо андешида шуданд.

Дар ҷамъомад чорабиниҳои оид ба рушди иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии маҳаллаҳо дар сурати ташкили чунин кор дар дараҷаи ҳалқаи поён муҳокима гардиданд.

Бинобар фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 3 декабри соли 2021 дар ҳар як маҳалла вазифаи ёвари ҳокими ноҳия (шаҳр) оид ба масъалаҳои ривоҷи соҳибкорӣ, таъмини аҳолӣ бо кор ва коҳиши қашшоқӣ таъсис дода шудааст. Ин комилан низоми нав аст, ки дуруст ташкил намудани он имрӯз аҳамияти муҳимро молик аст.

Бинобар ин дар ҷамъомад аввалин натиҷаҳои фаъолияти ёварони ҳокимон баррасӣ шуданд. Таъкид гардид, ки дар зарфи се моҳ онҳо 6 миллиону 900 ҳазор хонаводаро омӯхта, онҳоро ба 4 тоифа тақсим намуданд. 11 фоизи хонаводаҳо камтаъмин буда, 47 фоизашон оилаҳое мебошанд, ки ба даромади иловагӣ эҳтиёҷ доранд, 6 фоиз ба ҳимояи иҷтимоӣ ниёз дошта, 36 фоиз оилаҳо ҳуҷкифо мебошанд. Бинобар ҷамъбасти он роҳбарон дар маҳалҳо кори манзилнок ва кумакро ба ҳазорон шаҳрвандон барои бо кор таъмин гардидан ва сабаки касбӣ гирифтан ташкил карда тавонистанд.

Дар се моҳи аввали соли ҷорӣ бо ташаббуси ёварони ҳокимон барои 50 ҳазор лоиҳаи соҳибкории оилавӣ 1,3 триллион сӯм кредит ва 20 миллиард сӯм субсид ҷудо карда шуд. Дар натиҷа 47 ҳазор соҳибкори нав кори худро ташкил карда, 8 ҳазор лоиҳаи хурди истеҳсолӣ ва хидматрасонӣ ба кор даромад.

Роҳбари давлат суповиш дод, ки ёварони ҳокимоне, ки натиҷаҳои беҳтарро нишон додаанд, рағбатнок карда шаванд.

Ҳамзамон дар бисёр маҳаллаҳо кори ёварони ҳокимон эҳсос намегардад. Барои мисол дар 450 маҳалла дараҷаи бекорӣ аз 20 фоиз зиёд аст.

Дар ҷамъомад ноҳияҳое ба забон гирифта шуданд, ки ба ҳокимонашон огоҳӣ эълон гаштааст. Муовини ҳокимон, роҳбарони секторҳои баъзе ноҳияҳо ва шаҳрҳо аз вазифаи худ озод карда шуданд.

–Дар байни мо ба роҳбароне, ки барои манфиати оилаҳо кор намекунанд, ба принсипи «ба хотири шараф ва қадр» риоя намекунанд, ҷой нест, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар заминаи беҳсозии вазъияти кор дар маҳаллаҳое, ки вазъият дар онҳо дар натиҷаи омӯзиш ғайриқаноатбахш шумурда шудааст, суповишҳо дода шуд. Барои ин 800 миллиард сӯм аз ҳисоби оптимизатсияи харҷи буҷет равон карда мешавад.

Таъкид шуд, ки минбаъд ҳар як маҳалла бинобар тахассуси худ дастгирӣ хоҳад шуд.

Ҳамин тариқ, 2,5 ҳазор маҳалла ба чорвопарварӣ, паррандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ ихтисос меёбад. Агар ба онҳо дастгирии иловагӣ расонда шавад ва ё шахсони корчаллони он бо инкубаторҳо, паррандаҳои хонагӣ, қуттиҳои занбӯри асал таъмин карда шаванд, даромади аҳолӣ меафзояд.

Умуман дар чорводорӣ, паррандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбуриасалпарварӣ на камтар аз 140 ҳазор нафарро бо кор таъмин намудан мумкин аст, таъкид гардид дар ҷамъомад.

Ба аҳамияти муҳими дар маҳаллаҳо вусъат додани истеҳсолоти хурд мисли ҳунармандӣ, дӯзандагӣ, кафшдӯзӣ, ширинипазӣ ишора гардид. Президент ташаббусро дар бораи бо ин мақсад таъсис додани марказҳои микросаноатӣ дар маҳаллаҳо дастгирӣ намуд.

Соли ҷорӣ ба ин мақсадҳо 500 миллиард сӯм ҷудо гардида, марказҳо аз пардохти андози замин ва андози моликият ба муддати панҷ сол озод карда мешаванд.

Инчунин таъкид шуд, ки барои босамар истифода намудани иншооти бекорхобидаи дар маҳалҳо мавҷудбуда ва маблағе, ки аз фурӯш ва ё ба иҷора додани онҳо ба даст меояд, барои рушди инфрасохтори маҳалла бояд харҷ гардад.

Хонакорӣ имконияти хубест барои таъмини занон ва ногироҳо бо кор мебошад. Бо ин мақсад Президенти Ӯзбекистон қарорро дар бораи бо роҳи рушди хонакорӣ таъмин намудани аҳолӣ бо кор ба имзо расонд.

Барои соҳибкороне, ки бо хонакорон кор мекунанд, аз барномаи соҳибкории хонаводагӣ 500 миллиард сӯм равона гардида, инчунин барояшон дастгирии Фонди соҳибкорӣ дар ҳаҷми 75 фоиз ва ҷуброн дар қисми харҷ дар заминаи кредит, ки беш аз 10 фоиз мебошад, пешниҳод мегардад.

Худи хонакорон бошанд, имконият ба даст меоранд, ки чун шаҳрвандони худро бо кор таъминнамуда, танҳо андози иҷтимоӣ пардохта, музди меҳнаташон барои моҳи аввали кор дар ноҳияҳои дурдаст аз ҳисоби давлат сарпур карда мешавад.

Ба ҳокимони минтақаҳо бо кор таъмин намудани қишри аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ заиф бинобар босамар истифода намудани ин имконот супурда шуд.

Беш аз ду ҳазор маҳаллаи мамлакат ба хидматрасонӣ ихтисос меёбад. Бинобар ин ногузирии дар маҳаллаҳои аҳолиаш беш аз 20 ҳазор нафар ташкил намудани марказҳои савдо ва хидматрасонии чакана таъкид гардид. Ин марказҳо инчунин аз пардохти андоз барои замин ва моликият ба муддати панҷ сол озод карда мешаванд.

Зимни ҷамъомади видеоселекторӣ ҳокимон ва ёварони онҳо дар бораи нақшаҳояшон доир ба кори «маҳаллабайъ» ва таъмини аҳолӣ бо кор маълумот доданд.

ЎзА.

ДАР ОЯНДАИ НАЗДИК МАЙДОНҲОИ ҲАВОӢ КУЛЛАН ТАҒЙИР ХОҲАНД ЁФТ,

мегӯяд раиси раёсати «Uzbekistan Airports» Раъно Ҷӯраева

– Барои он ки теъдоди ҳарчи бештари сайёҳони хориҷӣ ба мамлакати мо, хусусан ба шаҳрҳои таърихии мо ташриф оваранд, мо бояд майдонҳои ҳавоии “Тошканд”, “Бухоро”, “Тирмиз” ва “Урганч”-ро куллан реконструксия кунем. Дар ин бора 11 апрели соли равон ба Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев гузориш дода будем, – гуфт дар ибтидои нишасти хабарӣ Раъно Ҷӯраева. – Иҷрои ин нақшаҳо, ки аз авлавияти кори онҳоро ташкил медиҳанд, барои солҳои 2022-2026 барномарезӣ шудаанд. Моҳи сентябри соли гузашта дар майдони ҳавоии пойтахт марҳилаи аввали реконструксияи Терминали 2 ба фаҳмо расид, ки аз тармими тарафи рости толори парвоз иборат мебошад.

Зимни мулоқот бо сарвари давлат матраҳ гардид, ки ба кадом самтҳои кор таваҷҷуҳ сурат гирад ва дар ин замина ба он ноил шаванд, ки хидматрасонӣ беҳбуд ёбад, ба кор мутахассисони варзида ҷалбу ҷазб гарданд, ки ҳатман ба ҷалби бештари сайёҳон хеле мусоидат хоҳад кард.

– Мо бояд тарзе корҳоро ба роҳ монем, ки барои мусофирон парвоз аз тариқи майдонҳои ҳавоии мо ҷолиб ва қулай бошад. Ҳатто истгоҳи ҳавопаймоҳоро мо таҷдиди ҳоҳем кард ва майдони ҳавоӣ бо тавсеаёбии худ битавонад теъдоди бештари онро дар худ гунҷоиш диҳад, – гуфт Раъно Ҷӯраева. – Дар дохили майдони ҳавоӣ ташкил намудани растаҳои маҳсулоти ҳунармандӣ низ аз вазифаҳое ба шумор меравад, ки иҷрои он ногузир мебошад. Гуфта мешавад, дар ҳамин ҳол майдони ҳавоии “Тошканд” дар чаҳор баст ба мусофирон хидмат мерасонад.

– Ба туфайли анҷоми ин кор иқтидори интиқоли мусофирон дар як соат то ба 1 ҳазору 200 нафар боло бурда шуд. Яъне метавонем дар як соат 5-6 ҳавопаймо аз майдони ҳавоии мо ба самтҳои гуногун парвоз кунанд. Аз моҳи март шурӯъ карда ба марҳилаи дуввуми реконструксияи Терминали 2-и майдони байналмилалии “Тошканд” ҳусни оғоз бахшидем. Ба нақша гирифта шудааст, ки шакли назорати гумрукиро тағйир диҳем ва системаи Tax Free-ро дар амал ҷорӣ намоем. Он гоҳ пайроҳаҳои бақайдгирии мусофирон афзоиш меёбад, – изҳор намуд Раъно Ҷӯраева.

— Майдонҳои пеширрӯйи майдони ҳавоӣ бояд ба танзим дароварда шавад ва истгоҳҳои мавҷуда ба тарзи автоматӣ гузаранд. Барои мусофирон шароити беҳтарин ё комфорт фароҳам оварда шавад, нуқтаҳои гуногуни хидматрасонӣ дар ихтиёри мусофирон қарор гиранд ва дар толорҳои CIP ва VIP, инчунин бизнес-толорҳои “Анор” ва хадамоти Fast Traek шароит боз ҳам беҳбуд шавад. Дар натиҷаи реконструксия кардани майдони ҳавоӣ имкон фароҳам меояд, ки он дар як соат ба ҷойи 1 ҳазору 200 нафар ба 2 ҳазору 400 нафар мусофир хидмати аълосифат расонад. Аммо мо бояд бештар ба рушди майдонҳои ҳавоӣ, воқеъ дар Самарқанд, Бухоро ва Хива, ки гавҳари туризм маҳсуб меёбанд, талоши бештар ба харҷ диҳем. Хушбахтона, баъди реконструксияи васеъмиқёси майдони ҳавоии Самарқанд, бунёди терминали нав ва маҷмааи нави аэродром маросими ифтитоҳи онро бошукӯҳ баргузор намудем.

Маълум шуд, ки дар ин авохир майдони ҳавоии “Бухоро” дар мавриди расонидани хидмат ба мусофирон яке аз ҷойҳои намунавиро ишғол намудааст. Барои ҳамин дар ду соли оянда майдони ҳавоии нав аз ҳар нигоҳ муҷаҳҳаз дар Бухорову Урганҷ арзи ҳастӣ хоҳанд кард. Лоиҳаҳои он ба сарвари давлат муаррифӣ гардид. Аз рӯйи натиҷагириҳои муқаддамотӣ барои бунёди майдони ҳавоии Бухоро ҳудуди 136 миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ карда мешавад. Дар натиҷа дар як соат ин майдони ҳавоӣ метавонад ба ҳазор мусофир хидмати беминнат расонад.

– Сохтмони майдони ҳавоии “Урганч”, ки дар он 177 миллион доллари амрикоӣ сарф мешавад, дар як соат ба 1 ҳазору 200 нафар хидмат хоҳад расонд. бо иқтидори 1 ҳазору 200 нафар дар як соат 177 миллион доллари амрикоӣ таҷозо менамояд. Ин ҳарду лоиҳа солҳои 2022-2024 бар асоси шарикии давлатӣ бунёд хоҳанд ёфт. Дар ҳамин ҳол ҳуҷҷатҳо омода карда мешаванд, ки ба ин кор сармоягузорони хусусӣ ҷалб карда шаванд,– қайд намуд Раъно Ҷӯраева.

Солҳои пеш ҳавопаймоҳо бо хатсайри Фарғона – Душанбе, Намангон – Душанбе ва Андиҷон – Душанбе парвоз мекарданд. Имкон вуҷуд дорад, ки мусофирон битавонанд аз майдони ҳавоии ё Фарғона, ё Намангон ва ё Андиҷон худро ба шаҳри Душанбе расонанд?

– Ин масъала низ мадди назар аст ва дар оянда ҷиҳати ҳаллу фасли он низ талошҳоро ба харҷ хоҳем дод. Аммо ҳоло мо ба корҳое машғул ҳастем, ки шароити беҳтаринро дар майдонҳои ҳавоиамон эҷод кунем. Парвоз аз Тошканд ва шаҳри Ӯш низ хеле барномаи хубест, – посух дод Раъно Ҷӯраева.

Қобили зикр аст, ки ҶС «Uzbekistan Airports» ширкате мебошад, ки 11 майдони байналмилалии Ӯзбекистонро таҳти тасарруф қарор додааст. Ин ширкат бо амри Президенти мамлакат дар базаи Ширкати миллии ҳавонавардии “Ӯзбекистон ҳаво йўллари” таъсис ёфтааст.

– Агар мо ҳавопаймоҳои ATR-72-ро, ки дар ҳамкории Италия ва Фаронса сохта шудааст, дар ихтиёр қарор диҳем, корамон хеле осон хоҳад шуд. Ин ҳавопаймо нисбатан хурд буда, имкониятҳои фаровонеро доро мебошад. 72 нафар мусофирро аз як манзил ба манзили дигар интиқол медиҳад. Мо бар асоси тендер аз ширкатҳои ҳавонавардии хориҷӣ мутахассисони варзидаро ба кор ҷалб кунем, – иброз дошт Раъно Ҷӯраева.

Раиси Раёсати «Uzbekistan Airports» дар посух ба он суол, ки аэродроми Сӯх кай куллан муҷаҳҳаз мегардад ва бо персонал таъмин мешавад, гуфт, ки он ҳанӯз таҳти тасарруфи ҳокимияти ноҳияи Сӯх қарор дорад. Вақте ки он ба тасарруфи «Uzbekistan Airports» мегузарад, он гоҳ масъалаҳои марбут ба таъмини кадрҳо ва муҷаҳҳаз намудани он ҳаллу фасл хоҳад шуд.

Дар поёни нишасти матбуотӣ Раъно Ҷӯраева дар бораи он ҳарф зад, ки ҳанӯз онҳо ба кадрҳои бомаҳорат эҳтиёҷ доранд.

– Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд кадрҳои болаёқат тайёр мекунад. Дар айни ҳол тасмим гирифтаем, ки онҳо бевосита дар вилоятҳо давраи магистратураро хатм кунанд. Он гоҳ аз ин кадрҳо низ метавон фаровон истифода намуд, – гуфт Раъно Ҷӯраева.

Мирасрор АҲРОРОВ, хабарнигори “Овози тоҷик”.

ВАКОЛАТИ ҲОКИМОН ОИДИ БА ИҶОРА ДОДАНИ ЗАМИН БЕКОР КАРДА МЕШАВАД

Дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ҷамъомади фраксияи Ҳизби демократии «Миллий тикланиш» баргузор гардид. Дар он нахуст лоиҳаи қонун «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи кадастри давлатӣ» баррасӣ шуд.

Лоиҳаи қонун агентии кадастриро ба сифати мақомоти ваколатдори, пешбурди низоми миллии иттилоотии ҷуғрофӣ муайян мекунад. Инчунин пешбинӣ шудааст, ки Девони Вазирон тартиби пешниҳод намудани маълумотро дар бораи кадастри давлатӣ, ки ба низоми ягонаи кадастри давлатӣ дохил карда шудаанд, муайян кунад.

Чи хеле ки таъкид шудааст, меъёрҳои дар лоиҳаи қонун ба назар гирифташуда пешбурди ягонаи ҳисобу китоби умумдавлатии салоҳияти табииву иқтисодии Ӯзбекистон ва баъзе ҳудудҳои он, низоми иттилоотии ба таъмини арзёбӣ нигарондашуда, баланд бардоштани дақиқии маълумотҳои аз онҳо нигоҳдошташаванда ва пешбурдашаванда хидмат мекунад. Аъзоёни фраксия ба эътибор гирифта, онро дастгирӣ намуданд.

Дар ҷаласа ҳамчунин лоиҳаи қонун дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба соддагардонии тартиби ба иҷора додани заминҳои кишоварзӣ баррасӣ шуд. Мувофиқи лоиҳаи қонун бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд тартиби тасдиқ намудани натиҷаҳои озмуни электронии озод оиди ба иҷора додани заминҳои ба кишоварзӣ бекор карда мешавад.

Дар ҷамъомад ҳамчунин дархостҳои вакилони фраксия дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ мавриди таҳлил қарор гирифт.

Зимнан зикр гардид, ки дар семоҳаи аввали соли 2022 аз ҷониби аъзои фраксия дар асоси муроҷиатҳои интихобкунандагон ва шаҳрвандон ба ташкилотҳои дахлдор оид ба вазъи ҷойҳо, мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳо 11 дархости депутатӣ расид.

Дар баробари ин дар давраи ҳисоботӣ ба аъзои фраксия аз 1232 нафар шаҳрвандон дар вохӯриҳо дар маҳалҳо 839 муроҷиат ворид гардида, ҷиҳати иҷрои онҳо чораҳо андешида шуданд. Якчанд муроҷиатномаҳо ба вазорату идораҳои дахлдор фиристода, иҷрои онҳо таҳти назорат гирифта шуд.

Аз рӯйи масъалаҳои дар ҷамъомади фраксия баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

М. КОМИЛОВА, мухбири ЎзА.

Пойафзорҳои мавсимии бачагона ва калонсолони истеҳсолии корхонаи муштараки Ӯзбекистон-ИМА, ки дар деҳаи Лоғони ноҳияи Фарғона дар шакли ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Vodiy-Shoes» фаъолият мебарад, дар бозор харидоргиранд. Маҳсулот бо сифат ва намуди зебои худ бартарӣ дорад.

Дар корхонаи муштарак лоиҳаи арзиши умумиаш 8,5 млн. доллар татбиқ гардида, технологияҳои замонавии аз Олмон, Чехия ва Италия овардашуда насб карда шуданд. Дар ин ҷо маҳсулот асосан аз ашёи хоми маҳаллӣ омода карда мешаванд. Дар корхонае, ки шуғли зиёда аз 300 нафар писарону духтарони маҳаллӣ таъмин гардида, кор дар ду баст ба роҳ монда шудааст, ҳар рӯз наздик ба ду ҳазор ҷуфт пойафзори босифат истеҳсол мешавад.

Дар сурат: *дар ҶММ «Vodiy-Shoes»-и деҳаи Лоғони ноҳияи Фарғона.*

Суратгир: М. ҚОДИРОВ. ЎзА.

ЁДДОШТ ДАР БОРАИ ТАТБИҚИ ЛОИҲА ОИД БА АЗНАВКОРКАРДИ ПАРТОВҲОИ АВТОМОБИЛҲО БА ИМЗО РАСИД

Муовини якуми раиси Ассотсиатсияи соҳибкорони Куриё – Ӯзбекистон Ким Чан Кеон дар доираи сафари худ ба Ӯзбекистон ба вилояти Сирдарё ташриф оварда, бо ҳокими вилоят Ғофурҷон Мирзаев мулоқот анҷом дод. Дар мулоқот масъалаҳои рушди ҳамкориҳои иқтисодиро баррасӣ намуд.

Дар поёни мулоқот ҷонибҳо Ёддошти тафоҳум дар бораи татбиқи лоиҳаи коркарди пар-товҳои мошинҳоро ба имзо расонданд.

Дар рафти музокирот ба ҷониби Куриёи Ҷа-нубӣ барои аз ҷониби Палатаи савдою саноати Хвасони Куриёи Ҷанубӣ ба вилояти Сирдарё додани се автомобил барои эҳтиёҷи одамони имконияти ҷисмониашон маҳдуд, ки бо дастгирии Ассотсиатсияи соҳибкорони Куриё – Ӯзбекистон ташкил карда шудааст, миннатдории алоҳида изҳор карда шуд. Таъкид гардид, ки татбиқи бомуваффақияти лоиҳа оид ба коркарди партовҳо барои ҷалби ширкатҳои Куриёи Ҷанубӣ ба минтақа ангезаи хубе хоҳад буд ва ҳамчунин ваъда дода шуд, ки барои рушди ҳамкориҳои ду кишвар аз ҷониби ҳокимияти вилоят дастгирии ҳамаҷониба расонда хоҳад шуд.

Дар навбати худ Ким Чан Кеон ҷониби Ӯзбекистонро дар омодагиаш дар дастгирии ҳамаҷониба аз ҷониби ассотсиатсияи соҳибкорони Куриё – Ӯзбекистон бобати татбиқи зудтари лоиҳаи коркарди партовҳо бовар кунонд, инчунин дар бораи ташкили сафари ҳайат таҳти сарварии ҳокими вилоят ба Куриёи Ҷанубӣ, бо намояндагони ҳукуматҳои мунисипиалӣ ба имзо расондани созишномаҳо, баргузор намудани анҷуманҳои тиҷоратӣ бо иштироки намояндагони доираҳои корчаллонии ду мамлакат хабар дод. Намояндаи Ассотсиатсияи соҳибкорони Куриё – Ӯзбекистон таъкид намуд, ки чунин чорабиниҳои муштарак ҳамкориро натанҳо байни ассотсиатсия ва ҳокимияти вилояти Сирдарё мустаҳкам мекунад, балки бо саъю талоши умумии ҷонибҳо метавонад ба рушди ҳамкории иқтисодии байни ду кишвар ҳиссаи назаррас гузорад.

Лоиҳаи коркарди партовҳои автомобилҳо дар пойгоҳи консорсиум, ки ба он чор ширкати Куриёи Ҷанубӣ ворид мегардад, ба нақша гирифта шудааст. Ҳаҷми умумии сармояи ҷониби Куриёи Ҷанубӣ 3 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, аз ҷониби ҳокимияти вилояти Сирдарё ҳудуди истеҳсолӣ пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи мазкур ба ри-воҷ додани соҳаи азнавкоркарди партовҳои аз чиҳати экологӣ тоза дар Ӯзбекистон ҳиссаи назаррас мегузорад.

АИ «Дунё».

Бинобар супориши сарвари давлат Шавкат Мирзиёев, аз 2 ноябри соли ҷорӣ ва ташаббуси дар амал татбиқ намудани лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” ҳоло дар сартасари мамлакат кӯчатҳои гуногуни дарахт шинонда мешаванд. Ба наздикӣ бо ташаббуси ҳокимияти ноҳияи Бӯка ва Агентии кор бо ҷавонони ноҳия бо мақсади татбиқи лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” дар «Боғи ҷавонон”-и ноҳия боғ ташкил карда шуд. Дар аксияи мазкур пешвои ҷавонони маҳаллаҳои ноҳия фаъол иштирок карданд. Дар аксияи лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” аз ҷониби иштирокдорони он дарахтони сабз шинонда шуд. Бояд гуфт, ки имрӯз аз тарафи ҷавонони ҷумҳурӣ ба лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” эътибори алоҳида дода мешавад ва онҳо низ ба обод намудани қиёфаи ҳудуд, ҳифзи табиат, таъмини ҳавои тозаи экологӣ, васеъ намудани майдонҳои сабз саҳми худро мегузоранд.

Дар сурат: *лавҳае аз ин ҷараён.*

Суратгир: М.ҚОДИРЗОДА.

ИСТЕҲСОЛИ МАВОДИ СОХТМОНӢ АФЗОИШ МЕЁБАД

Ба наздикӣ дар Маркази матбуоти миллии пойтахт бо иштироки намояндагони Иттиҳодияи «Ӯзсаноатқурилиш» нишасти матбуотӣ баргузор шуд.

Тавре дар чорабинӣ қайд гардид, ба нақша гирифта шудааст, ки дар соли равон ҳаҷми истеҳсоли маводи гуногуни сохтмонӣ ба 110 фоиз афзоиш хоҳад ёфт.

Дар маърӯза ва саволу ҷавобҳо бештар ба маҳалликунонӣ, инвеститсия, татбиқи лоиҳаҳо, ба ҷойҳои нави корӣ рӯйи эътибор гардонда шуд. Дар тӯли соли 2022 дар самти инвеститсия корҳои зиёде ба амал татбиқ шудаанд. Бино ба Барномаи инвеститсия татбиқи 12 лоиҳае, ки 369, 4 млн. доллар арзиш доранд ва фароҳам овардани 1035 ҷойи корӣ дар назар аст.

Соҳаи муҳими сохтмон дар ҷумҳурӣ истеҳсоли семент маҳсуб меёбад. Дар соли сипаригардида истеҳсоли он 14,2 тоннаро ташкил карда буд, ки нисбат ба соли 2020 13 фоиз зиёд аст. Соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ истеҳсоли семент ба 17,6 тонна расонда хоҳад шуд. Иқтидори истеҳсоли солонаи семент дар ҷумҳурӣ ҳоло 21,3 млн. тоннаро ташкил медиҳад.

Дар соли равон дар ҷумҳурӣ 3 заводи сементе, ки иқтидори истеҳсолии солонаашон 2, 25 млн. тонна мебошад, ба кор андохта мешавад. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар тӯли солҳои 2022 — 2023 дар вилоятҳои ҷумҳурӣ 12 заводи нави сементистеҳсолкунӣ сохта ба истифода дода мешавад. Дар думоҳои соли 2022 ба арзиши 6,4 млн. доллар 410 ҳазор тонна семент содирот карда шудааст.

Бино ба қарори Президент, ки 21 феврали соли равон ба тасвиб расидааст, аз 1 марти соли 2022 ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ рухсат дода мешавад, ки семент, клинкери семент ва оинаи сохтмониро бемаҳдудият, дар асоси шартнома (бе квота) ба содирот бароранд. Ҳамчунин, то 1 январи соли 2024 аз ҷониби Ангентии рушди содирот ба корхонаҳои маҳаллии содироткунанда (ба вакилони ваколатдори онҳо) барои кашондани маводи сохтмон ба дигар кишварҳо, аз ҷумла, ба кишварҳои ҳамсоя тавассути автомобил, роҳи оҳан ва роҳи ҳавоӣ (ба ҷуброни хароҷот) субсидияҳо пешниҳод карда мешавад.

Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.

Бузургдошти Айнӣ давом дорад. Бахшида ба 144 солагии зодрӯзи Устод Айнӣ дар мактаби рақами 56-уми ноҳияи Бекобод чорабинии адабӣ баргузор гардид.

«АЙНӢ ҲАМЕША БО МОСТ»

Директори мактаб Х. Беков таъкид намуд, ки пос доштани хотираи эҷодкороне, ки дар таъриҳи тараққиёти миллиамон ҷойгоҳи муҳим доранд, пухта аз ҳуд намудани мероси илмию адабии онҳо қарзи инсонии мост. Ӯ дар бораи фаъолияти эҷодии устод маълумоти пуразриш баён намуд.

Дар маҳфили адабӣ хонандагон аз шеърҳои Айнӣ қироат намуда, дили ҳамагонро хушнуд намуданд. Аз ҷониби роҳбари маънавият ва маърифати мактаб, бо тавассути монитор маълумоти таъриҳӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ видеороликҳо намоиш дода шуданд.

Дарвоқеъ, аз якчанд асари Устод Айнӣ хонандагон ҳар гуна саҳна ва баромадҳои пандомез намоиш доданд. Дар байни синфҳои болоӣ мусобиқаи байтбарак гузаронида шуд.

Айнӣ фармудааст.

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Дар олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

Дар поёни чорабинӣ муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик З. Иззатуллоева таъкид намуд, ки Устод Айнӣ ҳамеша бо мост, ӯ дар жанрҳои гуногуни адабиёт асар эҷод кардааст. Устод дар ташаккули забони адабии тоҷик барои пешрафт ва умуман матбуоти тоҷик хидмати босазо дорад. Ин анъанаҳои устод имрӯз низ давом дорад.

Дар ҷамъомад директори мактаб ба талабагоне, ки дар маҳфил фаъол иштирок намуданд, туҳфаҳо супорид.

Ӯғулой ШАРИФОВА,
хонандаи мактаби рақами 56-уми ноҳияи Бекободи вилояти Тошканд.

ХАБАРҲО

БАҲРИ БЕҲДОШТИ ЗИСТ

18 апрел ходимони соҳаи хидматрасонии коммуналии хонаву ҷой Рӯзи касби худро таҷлил карданд.

Ба ин муносибат дар ҷойҳо ҷамъомадҳо баргузор ва беҳтарин кормандони соҳа бо мукофоту ташаккурномаҳо тақдиронида шуданд. Қайд карда шуд солҳои охир ба бозори хидматрасонии коммуналӣ ташкилотҳои идоракунии касбӣ ворид шуданд. Аз талаб ва эҳтиёҷоти аҳолӣ бар омада, навъҳои хидматрасонӣ зиёд шуданд. Дар соли 2021 ба тариқи таҷриба дар ҷумҳурӣ 15 ташкилоти идоракунӣ бо роҳи “интихоби кушод” созмон ёфта бошад, ширкатҳое, ки бо душворӣ кор мебаранд, вақтҳои охир 750 адад кам шуданд. Ин, албатта, натиҷаҳои мусбии худро бахшид.

Солҳои 2022-2026 барпои 172 дегхона ва таҷҳизоти гармигузаронӣ, ки 482 километр дарозӣ дорад, ба нақша даромадааст. Айни замон 109 дегхона ва таҷҳизоти гармигузаронӣ, ки 543 километр дарозӣ дорад, модернизатсия карда мешавад.

Имрӯзҳо дар соҳа беш аз 157 ҳазор нафар ходимону хидматчиён адои вазифа мекунанд.

Корҳое, ки дар соҳа ба амал бароварда мешаванд, ба фаровон зиндагӣ кардани аҳолӣ ва офаридани шароити хуби зист нигаронида шудаанд.

“КОРВОНИ КИНО” ДАР ВОДӢ

“Корвони кино”, ки бо ташаббуси Агентии кинематография созмон ёфта, дар таркиби он Хосият Ҳусанова, Вазира Юнусова, Расулхон Қодиров, Умед Искандаров, Бекзод Тоҷиев барин чеҳраҳои намоёни синамо ҳастанд, ба сафари водии Фарғона баромад.

Дар ҳар вохӯрӣ санъаткорон ва филмҳои миллие, ки намоиш дода шуданд, саминмона истиқбол гаштанд. Хусусан, чорабинӣ дар ҳокимияти шаҳри Марғилон ва идораи тандурустии вилояти Фарғона, вохӯриҳо дар ноҳияҳои Қӯштеппа, Олтиариқ ва Тошлоқ хотирмон сурат гирифтанд. Картинаи “Қалби зан”, ки бо фармоиши Агентии кинематография ба навор гирифта шудааст (коргардон Ҷ. Пӯлодова), бештар писанд омад, ки дар он аз хусуси тақдири зани шифокор ҳикоя карда мешавад.

“Корвони кино” рӯзи сеюми сафари эҷодӣ ба вилояти Андиҷон, рӯзи панҷум ба вилояти Наманган рафт.

Назар ба маълумоти хидмати ахбори Вазорати маданият ба роҳ гузоштани ин гуна сафарҳои эҷодӣ ба Қароқалпоқистон, вилоятҳои Хоразм ва Самарқанд низ ба нақша дароварда шудааст.

БАРОИ ИФТОР БА АМРИКО

Дар даҳрӯзаи охири моҳи апрел иштироки як гурӯҳ уламо ва имом-хатибони ӯзбекистонӣ дар чорабиниҳои моҳи шарифи рамазон, ки дар ИМА рӯи кор меоянд, ба назар гирифта шудааст.

Наздик даҳ нафар намояндагони дин номнавис шудаанд. Намояндагони мамлакати мо дар сухбатҳои илмӣ ва ифторҳо, ки бо иштироки ҳамватанони мусулмонамон дар Амрико сурат мегиранд, ширкат мечӯянд. Дар Вашингтон, Ню-Йорк, Чикаго, Филаделфия ва Орландо шудани онҳо ба назар гирифта шудааст. Мақсад — бо шарофати моҳи шариф мустаҳкам сохтани риштаҳои меҳру оқибат.

М. ШОДИЕВ,
мухбири “Овози тоҷик”.

Дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд бо ташаббуси омӯзгори фанни забон ва адабиёт Ф.Кӯчаков бахшида ба144-умин солгарди Сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ чорабинии адабӣ баргузор шуд. Дар чорабинӣ омӯзгорону хонандагони мактаб иштирок карданд. Дар тадбир омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик Сулаймонбек Содиқов ва Фотеҳназар Кӯчаков оиди ҳаёт ва фаъолияти шоир сухан карданд. Аз ҷониби хонандагони мактаб доир ба ҳаёт, фаъолият ва мероси адабии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ маълумоти муфассал дода шуд. Дар охири чорабинӣ барои хонандагони фаъол ифтихорнома тақдим гардид.

Дар сурат: *лавҳа аз чорабинии мазкур.*

Суратгир: М. ҚОДИРЗОДА.

Инсон ва табиат

ЭҲЁИ БОЗ ЯК БОҒИ МИЛЛӢ

Ниҳоят, пас аз талошу талаби гурӯҳи ташаббускорони «Самарқандро нигаҳ медорем» бо қарори Девони Вазирон аз 4 марти соли ҷорӣ дараи хушҳавои Амонқӯтани қаторкӯҳҳои Зарафшон ба Боғи миллии табиӣ табдил ёфт. Саҳеҳтараш, аз ҳисоби ноҳияи Ургут беш аз 1500 гектар майдон ба тасарруфи Кумитаи давлатии идораи ҷангали вилояти Самарқанд гузашт, ки аз он ҳазор гектар замин ба мамнӯъгоҳ табдил дода хоҳад шуд.

Нигоҳе ба таърих

Қариб 40 километр ҷанубтар аз шаҳри Самарқанд, дар шоҳаи маҳриби силсилакӯҳҳои Зарафшон, ки Қаротеппа ва Чақалчилим ном дораду мардуми таҳҷоӣ ҷангалзори Амонқӯтан низ меғӯянд, аз бепарвӣ ва муносибати ҷоҳилонаи истиҳоҳаткунандагону баъзе ашхоси душмани табиат набототи ҳайвоноту ҳудуди мазкур несту нобуд шудаанд.

Хушбахтона, дӯстдорони табиат ба ҳифзи табиат пардохтанд. Ва бояд таъкид намуд, ки фаъолияти ташаббускорони эҳёи табиат беш аз 120 сол қабл аз ин сарчашма гирифтааст, ки онҳо кори хешро бо бунёди ҷангалзор ва обёрӣ оғоз намуданд. Гап дар сари он аст, ки роҳи наздики Самарқанду Шаҳрисабз тавассути аҒбаи Тахтақарағоч буда, маҳз ҳамин минтақаро доимо сел шуста мерафту лою тармаҳо садди роҳ мешуд.

Чанд аср қабл аз ин, дар замони ҳукмронии Амир Темур дар ин минтақа бешазори касногузар вуҷуд дошт. Аммо бо гузашти айём мардуми таҳҷоӣ ҷангалзорро барои ҳезум буриданд ва олами набототи мавзеъро чорво нобуд кард. Об ва шамол барои таназзули табиат «кӯмак» дод. Дар натиҷаи он аз селу офат ва тармаҳои такроршаванда на танҳо аҒба, инчунин маҳаллаву роҳҳо, замини кишт, чорво ҳатто одамон рӯ ба харобӣ ованданд ва алоқа бо Шаҳрисабз қатъ гардид. Соли 1878 аз ҷониби департаменти комиҷроияи кишвари Туркистон барои мубориза бар зидди сели кӯҳӣ ва вайроншавии замин ба микдори ҳазор рубл маблаҒ ҷудо шуд. Ҳамон солҳо аскарҳои гарнизони ҳарбии Самарқанд ва аҳолии гирду атроф бо меҳнати даст талу ёнаҳои хушкидаро зина ба зина ҳамвор карда, ниҳолҳои сарвиноз (туя), санавбар, арча ва ҒаЙра шинонданд. Барои ҳимояи дарахтони сӯзанбарг аз нури офтоб дар шафати онҳо ниҳолҳои баргашон калон сабзонданд.

Нишебиҳои кӯҳро ҳам уфуқӣ ҳам муовизӣ зина ба зина ҳамвор сохтанд, ки чуқуриаш 1,4 метр ва масофааш 1,1 метрро ташкил мекард. Бо мақсади ҒизО гирифтани дарахтон ба хок поруи сӯхта илова намуда, обёриро ба роҳ монданд. Муаллифи «Усули Амонқӯтан» саркардаи ҳарбии рус Николай Королков буд. Вай шахси табиатдӯст буда, бо корҳои тадқиқоти ботаникӣ машҒул гардида, чанд рустании Осиёи Миёна номи ӯро гирифтааст. Услуби Николай Королков, ки ба он ҷангалпарварони Фаронса мароқ пайдо карда буданд, дар намоишгоҳи Париж салиби легиони фахрии фармондехро гирифт. Маҳз бо ташаббуси ҳамин шахс то соли 1905 дар бисёр нишебиҳои кӯҳсори водии Туркистон ниҳолҳои сояафкану манзаравӣ сабзиданд.

Пас аз ба Русия кӯч бастани Н.Королков бо корҳои дарахтшинонӣ М.Невский, С.Навродский машҒул гардида, намудҳои буттаҳои ба хушкӣ тобовар ва ниҳолҳои ҳезумбоб парвариш карданд. Дар Амонқӯтан қитъа-қитъа чакалакзори писта, бодом, санавбар, сафедор ва дигар рустаниҳо ба вуҷуд омаданд.

Соли 1906 ҷангалзори Амонқӯтан 950 гектар майдонро ташкил карда, бешазори ҳақиқиро ба вуҷуд овард. Нашъунамои дарахтон заминро аз вайроншавӣ, тарма, селоб ва дигар гуна офатҳои табиат нигоҳ дошт. Аз ҳама муҳимаш, ба бисёр шудани ҳайвоноту наботот, паррандаву дарранда хизмати шоиста кард.

Амонқӯтан имрӯз

Ҳоло ҷангалзор ба 2300 гектар майдон доман густурда, аз он танҳо хиёбони санавбар 0,25 гектар майдонро ташкил мекунад ва беш аз сад бех дарахтони қадашон қариб 20 метр месабзанду халос. Дарахтзор дар мобайни ду минтақаи ба ҳам наздик – баландкӯҳҳои Зарафшон ва Қаротеппа мавқеъ дошта, даҳсолаҳо ҳамчун ташхисгоҳи табиӣ-илмӣ хидмат мекунад, ки олимон муносибати чисми зинда ва муҳити берунаро меомӯзанд.

– Дар мамнӯъгоҳи Амонқӯтан 110 намуди парранда, аз ҷумла 72 ҷонвари лонагузор мавҷуд, – гуфт номзади фанҳои биологӣ, дотсенти факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд Семён Фундукчиев. – Дар ин минтақа 9 намуди паррандаи ноёб ба рӯйхат гирифта шудааанд, ки ба Китоби Сурхи Ӯзбекистон ворид шудааанд. Дар байни онҳо лаклаки сафед, уқоб, ҷуғз, лошахӯри сарсафед ва ҒаЙра мавҷуданд.

Аммо муносибати бераҳмона ба табиат, ки тавассути радифҳои маснӯъи Замин аксбардорӣ шудааст, гувоҳӣ медиҳанд, ки сабзазору бешазор хеле коҳиш ёфтаанд. Саёҳати худсаронаи мардум, парвариши чорво, дарахтбурӣ, ифлосшавии ҳавзаҳои об ба олами ҳайвоноту наботот таъсири манфӣ мерасонанд. Масалан, ба гуфти мӯйсафедон шоҳаи асосии оби дарёчаи кӯҳии Амонқӯтан, барои нӯшидан ношоям аст, гарчанд аз чашмаҳои софу зулол пайдо мешаванд. Бинобар ҳамин, мардуми таҳҷоӣ аз чашмаҳо бо нил обро то истиқоматгоҳи хеш овардаанд.

– Чашмаҳо кам мешаванд ва Амонқӯтонсой торафт хурду пастоб мегардад, – шикоят мекунанд аҳолии таҳҷоӣ ва зуд баъзе ашхоси «донову ҳамадон» пайдо гардида, луқма мепартоянд, ки дарахти бед дар як шабонарӯз 2000 литр обро бухор мекунаду онҳоро нест кардан лозим. Албатта, ба чунин шахсони кӯтоҳандеш фаҳмондан душвор аст, ки маҳз дарахтон обро аз қаъри замин гирифта муҳити атрофро мӯътадил нигоҳ медоранд.

Олимони Донишгоҳи давлатии Самарқанд бо фаъолони ташкилоти ҒайридавлатиЮ ҒайритиҷоратиИ муҳофизони табиати «Зарафшон» дар вохӯрӣ бо мардуми таҳҷоӣ мефаҳмонанд, ки ҳимоя ва эҳёи табиат барои ҳар як шахс ҳам қарзу ҳам фарз аст.

Акси садои бонги изтироб

Аз оғози асри XXI экологу биологҳои Самарқанд муаммои ҳифзи табиати Амонқӯтанро ба миён гузошта, гуфтанд, ки мавзеъи мазкур ба мамнӯъгоҳи давлатӣ табдил ёбад. Ниҳоят бонги изтироби онҳо шунида шуд ва дараи Амонқӯтан Мамнӯъгоҳи миллии давлатӣ эълон шуд.

Бояд таъкид намуд, ки таҳти ташаббуси сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» роҳандозӣ гардид, ки бешубҳа ба бешазору ҷангалзор мубаддал гаштани кӯҳсор низ хизмат мекунад ва далели фикрамон мамнӯъгоҳи Амонқӯтани ноҳияи Ургут аст.

Лекин тааҷҷуби мо аз он аст, ки баъзе шахсони ба ҳирси дунё афтода бо ҳар роҳ лолаҳои худрӯи зеборо даста-даста дар сари кӯчаҳои серҳаракати Самарқанд мефурӯшанд. Инчунин пиёзи анзур, савсани бунафшранг ва дигар рустаниҳоро бераҳмона решакан мекунанд.

– Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ, – мегӯяд дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд Лайло Билолова. – Барои эҳёи табиати Амонқӯтан аввал таъминот бо гази табиӣ ва нерӯи баркро беҳтар кардан лозим аст, то мардуми таҳҷоӣ барои ҳезум дарахтбурӣ накунанд. Боз як муаммо – истиҳоҳаткунандагон худсарона ба мамнӯъгоҳ омада, чунин як ҒӯшаИ хушҳаво, зебо ва дилнишинро ба партовгоҳ табдил надиҳанд.

Мо мехоҳем, ки барои ривоҷу равнақи мамнӯъгоҳи Амонқӯтон бештар аз иқтидори олимону мутахассисон истифода бурдан лозим, ки эшон маслиҳатҳои муфид медиҳанд. На танҳо ҷалб кардан, инчунин супоришу тавсияи онҳоро истифода барем, ки ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.

Боз як муаммо – бояд фурӯши замин ва қуму шаҒали ин гирду атрофро низ пешгирӣ намуд.

Анастасия ПАВЛЕНКО,
роҳбари ташаббускорони «Самарқандро нигаҳ медорем».
Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Дирӯз дар китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ Ҳафтаи китобхонӣ оғоз шуд. Ҳафта аз 18 то 23-юми апрел кори худро дар китобхонаи номбаршуда, шуъбаҳои он дар маркази вилоятҳои ҷумҳурӣ ва дар нимаи дуюми рӯз дар оғӯши табиат – дар боғи истироҳатии «Magic City» давом мекунад.

ҲАФТАИ КИТОБХОНӢ ОҒОЗ ШУД

Имрӯз агар роҳатон ба дуконҳои китоби пойтахт ё дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ афтад, гувоҳи он мешавед, ки шумораи китобхонон хеле зиёд шудаанд. Чунин ҳолат ба дили касе, ки ба ояндаи Ватан ва насли навраси он беэътибор нест, шодии беканор меорад, чунки касе, ки китобро дӯст медорад, аз он таҷрибаи рӯзгор меомӯзад, ба касе бадӣ намехоҳад, дурӯғ намегӯяд, самимиву инсондӯст мешавад.

Баромадкунандагон доир ба эътиборе, ки солҳои охир бо роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев ба китоб ва мутолиаи китоб дода мешавад ва хислату фазилатҳои касони китобдӯст гуфта гузаштанд.

Ба ҳафтавор директори Оҷонсии коммуникатсияҳои оммавӣ ва ахбор Асадҷон Хоҷаев ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Шоири халқии Ӯзбекистон Усмон Азим дар баромади худ аз китобхонаҳое, ки солҳои пеш дар деҳаҳо мавҷуд буданд, ёдовар шуд: китобхонаҳое, ки дар ҳар мактаб ва маркази шӯрои деҳаҳо мавҷуд буданд, насли миёнсол хуб медонад. Баъдтар чунин китобхонаҳо рӯ ба нестӣ ованданд. Фикр мекунам, ки акнун вақти аз нав барқарор кардани китобхонаҳо даррасид, ки ба манфиати мардум хидмат мекунанд.

Суханони шоир Қӯчқор Норқобил низ барои иштирокдорони чорабинӣ фоидабахш шуд. Нисбат ба шахси бомаърифату бомаданият ибораи «китобдида» истифода мешавад. Дар вазъияти пурталотуми сиёсии имрӯза «китобдидагон» танҳо барои кишвари худи мо не, балки барои бани башар, замин-модар низ хеле заруранд.

– Аз таъриҳ медонем, ки барои халқи мо китоб арзиши зиёд дошт, – гуфт раиси Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон Олимҷон Ӯсаров. – Масалан, китобхонаи бузурги Сомониён, ки Ибни Сино аз он истифода бурдааст, ё китобхонаи ситорашиноси номвар Мирзо Улуғбек, ки ҷаҳолатпарастон кӯшиш мекарданд онро несту нобуд кунанд. Чунин мисолҳоро бисёр овардан мумкин.

Ҳоло дар микёси ҷаҳон Исландия аз рӯйи китобхонӣ пешқадам аст. Дар Ҳиндустоне, ки бештари аҳолии он камбизоат аст, солҳои охир дар китобхонӣ пешравӣ ба назар мерасад.

Аз рӯйи маълумотҳо аз китобхонаи миллӣ дар як рӯз якуним ҳазор нафар истифода мебаранд. Чунин натиҷа хуб аст, аммо мо ҳамаи талаботи роҳбари давлатамонро ба амал татбиқ намоем, аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда пурра истифода барем, чунин нишондод боз ҳам меафзояд.

Бояд ёдрас намуд, ки ҳафтавор таҳти шиори «Бидуни китоб оянда нест» баргузор шуда, пешбинӣ шудааст, ки дар доираи он вохӯриҳо бо шоиру нависандагони номвар, чорабиниҳо бахшида ба фаъолияти эҷодии А.Навоӣ, З.Бобур, М.Замахшарӣ, А.Орипов, Ӯ.Ҳошимов, Б.Бойқобилов, намоишномаҳои хонандагони мактаби рассомии ба номи Бенков, дарсҳои маҳорат доир ба санъати амалӣ, муаррифии китобҳои тозанашр гузаронида мешавад.

Н. НОДИРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ИМТИЁЗИ БОНУВОН БОБАТИ ДОХИЛШАВӢ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ

Имрӯзҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ хабарҳо паҳн мешаванд, ки заноне, ки панҷ сол собиқаи корӣ доранд, метавонанд бино ба тавсия ба муассисаҳои таълими олӣ бе имтиҳон дохил шаванд, ҳамчунин баъд аз хатми он дар самти интихобкардаи худ бояд 5 сол кор кунанд.

Ба ин мавзӯъ дар рафти суҳбат **бо роҳбари раёсати Кумитаи давлатии оила ва занону духтарони Ӯзбекистон Дилшода МИРЗОҶОНОВА** равшанӣ андохтем.

– Дар фармони дахлдори Президент, аз 7 марти соли 2022, гуфта мешавад, ки шурӯъ аз соли хониши 2022/2023 ҳар сол 500 нафар занону духтарони бе маълумоти олӣ, ки аз рӯйи ихтисос камаш 5 сол собиқаи корӣ доранд, тибқи тавсияномаҳои кумита ба самти таълими бакалавриати муассисаҳои таълими олии давлатӣ, берун аз параметрҳои қабули умумӣ, мувофиқи натиҷаҳои озмоишҳои тести алоҳида дар асоси пардохти шартномавӣ амалиёти ба таълим фарогирӣ ҷорӣ карда хоҳад шуд. Дар ин самт аз ҷониби Кумитаи давлатии оила ва занону духтарон чӣ корҳо ба амал татбиқ карда мешаванд?

— Имкониятҳое, ки мувофиқи ин ҳуҷҷат ба занону духтарон фароҳам оварда мешавад, аҳамияти калони иҷтимоӣ доранд. Ба мақсади ичрои вазифаҳое, ки дар фармон пешбинӣ шудаанд, дар Кумитаи давлатии оила ва занону духтарон аз ҳисоби масъулони Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус, Маркази давлатии тест ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор гурӯҳи корӣ ташкил дода шуд.

Гурӯҳи корӣ лоиҳаи ҳуҷҷати меъёрию ҳуқуқӣ "Дар бораи тасдиқ намудани тартиби ба муассисаҳои таълими олӣ дар асоси натиҷаҳои тести махсус бино бо пардохти шартномавӣ қабул кардани занону духтароне, ки камаш панҷ сол собиқаи корӣ доранд"-ро кор карда баромад. Бино ба ин ҳуҷҷат тасдиқи тартиби ба муассисаҳои таълими олӣ дар асоси тести махсус бо пардохти шартномавӣ қабули занону духтароне, ки аз рӯйи ихтисос камаш панҷ сол собиқаи корӣ доранд, дар назар дошта шудааст.

— Оё дар лоиҳа мизонҳои тавсияномае, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии оила ва занону духтарон дода мешавад, пешбинӣ шудаанд?

— Дар лоиҳа пешбинӣ шудааст, ки талабгорон бояд бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳо нишон диҳанд, ки соҳиби ихтисоси миёнаи махсус ва касбианд, то рӯзи гирифтани тавсиянома дар ягон муассисаи таълими олӣ таҳсил накардааанд, бино ба ихтисоси таълими миёнаи махсус ё касбӣ панҷ сол собиқаи корӣ доранд.

— Дар лоиҳа оё тақсимоти 500 квотаи алоҳидае, ки тибқи пардохти шартномавӣ ба занону духтароне, ки панҷ сол собиқаи корӣ доранд, ҷудо карда мешавад, пешбинӣ шудааст?

— Оре. Дар лоиҳа муайян карда шудааст, ки бояд Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус бо ризоияти Кумитаи давлатии оила ва занону духтарон ҳар сол то 5-уми июн барои дар микёси муассисаҳои таълими олии давлатӣ тақсим ва тасдиқ намудани ин квота ба муассисаҳои таълими Ӯзбекистон ба комиссияи давлатӣ ворид намоянд.

— Пас талабгорон барои тавсияномa гирифтан бояд ба мизонҳои болоӣ мутобиқ бошанд. Дар баробари ин, занону духтароне, ки тавсиянома гирифтаанд, ба муассисаҳои таълими олӣ бино ба тестҳои озмоишӣ тибқи пардохти шартномавӣ дохил мешудаанд. Дуруст аст?

— Бале. Тавсиянома ба талабгорон имтиёзи ба муассисаҳои таълими олӣ бевосита дохил шуданро намедиҳад. Занону духтарони тавсияномаро бадастгирифта ба муассисаҳои таълими олӣ аз рӯйи натиҷаҳои озмуни тест тибқи пардохти шартномавӣ дохил мешаванд.

Дар лоиҳа тартиби додани тавсиянома, муайян намудани параметрҳои бо таҳсил фарогирӣ, ташкили озмунҳои тести талабгорон ва ҷараёни эълони натиҷаҳо пешбинӣ шудааст.

Дар назар дошта шудааст, ки барои занону духтарони тавсияномадошта имтиҳонҳои дохилшавӣ бино ба тартиби қабул ба бакалавриати муассисаҳои таълими олӣ амалӣ мегардад.

Дар лоиҳа пешбинӣ шудааст, ки ба занону духтарони тавсияномадошта 30 фоизи холи баландтарини имтиҳонҳои дохилшавӣ ва аз он камнабударо ҷамъ оварда-анд, дар доираи нишондиҳандаҳои қабул дар асоси пардохти қарордодии иловагии ба занону духтарони камаш 5 сол собиқаи коридошта ҷудо шудааст, ба донишҷӯёнӣ тавсия дода мешавад.

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

Ба қарибӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода ҷаласаи гурӯҳи корӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо ва роҳбарияти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба таъсиси филиали он дар шаҳраки Шарғуни ноҳияи Сариосиёи Ӯзбекистон доир гардид.

ФИЛИАЛИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРҒУН ТАЪСИС ДОДА МЕШАВАД

Зимни чорабинӣ иттилоъ дода шуд, ки соли таҳсили 1993-1994 бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон ва ибтикори раёсати донишгоҳ тибқи шартномаи тарафайн бо ҳокимияти ноҳияи Сариосиё аз 15 июли соли 1993 филиали муассиса дар шаҳраки Шарғуни ноҳияи Сариосиё таъсис дода шуда, он то соли 1998 фаъолият кардааст. Дар ин давра беш аз 2000 нафар муҳассилин аз Ӯзбекистон ба таҳсил фаро гирифта шуда, онро бомуваффақият хатм намудааанд. Фаъолияти филиал дар шаҳраки Шарғун соли 1998 қатъ гардидааст.

Айни ҳол, бо ташаббусҳои созандаи президентон Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев муносибати дӯстиву ҳамсоягии неки ду мамлакат густариш ёфта, имконияти дар доираи созишномаҳои ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаҳои илму маориф дубора таъсис додани филиалҳо, факултетҳои муштарак, табодули донишҷӯёну омӯзгорон ва анҷом додани таҳқиқоти илмии муштарак фароҳам гардидааст.

Дар рафти ҷаласаи гурӯҳи корӣ намояндагони вазорату идораҳо розигии худро ҷиҳати таъсиси филиали донишгоҳ иброз доштанд.

Бояд гуфт, ки таъсиси филиали донишгоҳ дар Ӯзбекистон имкон фароҳам месозад, ки низоми таҳсилоти мамлакат ва фаъолияти донишгоҳ дар арсаи минтақавӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ гардида, шарикони нав барои ҳамкорӣ пайдо карда шаванд. Таъсис ва пешбурди фаъолияти донишгоҳ аз ҳисоби маблағҳои махсуси муассиса ба роҳ монда мешавад.

Бахтовар САФАРОВ,
Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН.

РАҲОВАРД

МЕҲР ДАР ЧАШМ

Ба таҷлили ҷашни Наврӯзи олам омодагӣ мегирифтем, ки рӯзе ба телефонам касе аз рақами ношинос занг заду онро набардошта, зуд хомӯш гардид. Вақте баргашта занг задам, аз он тараф овози андак марғуладор, вале шиноси ҳамсабақи донишгоҳиям Муҳаммадсодиқ ба гӯш расид.

Баъди гуфтугӯйи андак ӯ ба сари мақсад гузашт ва гуфт: «Нақша дорем, ки рӯзҳои наздик ҳамкурсон дар сари хони наврӯзӣ вохӯрем».

Дар дил дигарбора меҳри дӯстӣ ва бародарӣ боло гирифт. Охир, онҳо пайки хуш мерасониданд. Хоҷа Ҳофиз хеле хуб фармудааст:

Он пайки номвар,
ки расид аз диёри дӯст,
Овард ҳирзи ҷон зи
хати мушкбори дӯст.

Дар ин байн ман шиносомаи нав барои ба хориҷ баромадан гирифтам. Барои дидору вохӯрӣ бо ҳамкурсон (хатми соли 1997-и риштаи рӯзноманигории ДМТ), ки ба рӯзи 26-уми март пешбинӣ гардида буд, озими Душанбе-шаҳр шудам.

Онҳо беист мепурсиданд, ки оё меоӣ, омада истодаӣ? Зинҳор биё, ки мо муштоқи дидори якдигарем!

Бисту панҷ сол ба гуфтан осон. Охир тайи ин қадар солҳо як насли нав ба камол расид. Бархе аз ҳамсабақон соҳиби набераанд. Рӯзҳо зудгузаранд. Бале, ба қавле умр барқосо мегузарад:

Сабо, агар гузаре афтадат
ба кишвари дӯст,
Биёр нафҳае аз гесӯи
муанбари дӯст...

Роҳи дуру дароз ба назар зуд тай шуд, ба Душанбешаҳр – пойтахти тоҷикон ҳам расидам. Аввал ба манзили устоди равоншод, фарзанди фарзонаи диёр Пайванди Гулмурод рафтам, пайғоми ҳамдиёронро ба аҳли оилаи шодравон расонидам. Ҳамроҳи фарзанди хурдиашон Ардашер ба зиёрати марқади устод рафта, ояте аз Қуръони маҷид тиловат намудем. Худо раҳмату мағфират кунад, ёдашон гиромӣ бод. Инсони самимиву меҳрубон буданд. Дилҳо реш-реш мешавад, баъди ба хотир овардани фазилатҳои ҳамидаашон...

Дар кӯчаву гулгаштҳои Душанбе гаштугузор намуда, аз накҳати гулҳо ҳаловат мебарад кас. Бешак шаҳр доман густурдаву ба куллӣ зебо шудааст. Қасрҳои баланду барҳаво, боғҳои истироҳатӣ, наврӯзгоҳҳо, муҷассамаву фавворахо ба дил шавқу завқи беандоза мебахшад.

Баъди бисту панҷ соли дурӣ дар факултаи журналистика дидору гуфтугӯ бо устодони донишгоҳ Сангин Гулову Бозорзодаҳо дар ман таассуроти калон боқӣ гузошт.

Инсони олиҳиммат Асадулло Раҳмон дар Дастгоҳи давлатӣ ифои вазифа дорад. Дӯсти эҳ-кору сухансанҷи мо – Бахтиёри Қутбиддин декани факултаи журналистика мебошад. Бобохон Аҳмадови аштӣ ҷамъиятеро оид ба сайёҳӣ идора мекунад. Матлубаи нозанину суҳбаторо дар барномаи «Ҷаҳоннамо»'-и шабакаи телевизион фаъолият менамояд. Муҳаммадсодиқу Бибимоҳи азиз, ки дар кори ташкили ин вохӯрӣ нақши бориз доштанд, Шоираи гиромӣ, Нодира, Бунафша, Давлатою Ғолибшоҳ ва Тоҷиддинҳо ҳама мамнун аз ҳаёту шукргузори зиндагианд, инҷонибро гарм истиқбол гирифтанд.

Донӣ, ки чист давлат?
Дидори ёр дидан,
Дар кӯйи ӯ гадоӣ бар
хусравӣ гузидан.

Барною Барфимоҳ ҳоло дар хориҷа ба сар мебаранд, аз ин рӯ расида омада натавонистанд. Пайғом расониданд, ки дар вохӯриҳои пасин иштирок хоҳанд кард.

Давоми ду рӯз даврони донишҷӯиву ҷавонӣ ба ёд овардем. Ба ҳаққи устодон ва ҳамсабақоне, ки тӯли солҳо аз дунё рафтаанд, дуоҳои нек кардем. Устодон Пайванди Гулмуродзода, Абдусаттор Нуралиев, Хоҷабек Зулфиқоров, Баҳриддин Камолиддинов, чор тан аз ҳамкурсе, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ, бемории ковид ва маризиҳои дигар бандагиро ба ҷо овардааанд. Хонаи охираташон обод бод.

Баъди суҳбату мулоқотҳои гарму ҷӯшон, лутфу меҳрубонии дӯстон, аксбардориҳо, гаштугузор ва тамошои ҷойҳои хушманзари шаҳри ҷавонӣ ба Ватан бargаштам.

Ҳарчанд душвор аст, аз назди дӯстони ҷонӣ «хайр» гуфта рафтан, аммо кору зиндагӣ тақозо дошт, ки баргардам.

Аз ҷон тамаъ буридан осон
бувад валекин,
Аз дӯстони ҷонӣ мушкил
тавон буридан.

Раҳорах, зимни бозгашт, ба ҳамин чиз итминон ҳосил намудам, ки ин равуои доимӣ ва бемамониати одамон бо шарофати ба ҳамдигар оғӯшкушоиҳои сарони хирадманд ва дурандеши ду давлати ҳамсояву ҳамҷавор имконпазир гардидааст. Дӯстиву бародарии халқҳо поянда бод. Одамон ба давлати дидори якдигар ҳамеша бирасанд. Зеро, бехуда нагуфтаанд: «Меҳр дар чашм аст».

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ҶИЗЗАХ – ДУШАНБЕ – ҶИЗЗАХ.

ДАР ЭРОН НАВИШТАҲОИ МИРЗО УЛУҒБЕК ВА НАВОӢ ПАЙДО ШУДАНД

Тавре ки дафтари матбуоти Вазорати туризм ва мероси фарҳангии ҷумҳурӣ хабар медиҳад, пайдо шудани навиштаҳои ин ду алломаи бузург ҳодисаи нодир ва хабари хуш мебошад.

Гуфта мешавад, ки зимни як сафари кории муовини аввали директори Агентии мероси фарҳангӣ Турсуналӣ Қӯзиев ва сардори Раёсати мероси фарҳангии вилояти Тошканд Мансур Исроилов ба Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ин бора хабар ёфтаанд. Ин сафари онҳо бо кумаки сафорати Ӯзбекистон дар Эрон сурат гирифтааст.

Ба гуфтаи Т. Қӯзиев дар шимолу ғарби Эрон ёдгориҳои фарҳангии Темуриён зиёд будаанд. Амир Темур дар ҷараёни юришаш ба Эрон дар шаҳристони Тойнободи вилояти Машҳад бо Шайх Абубакри Зайнулобиддин Тойнободӣ мулоқот ва дӯстӣ пайдо кардааст ва ин мукотиба солҳои дароз давом намудааст.

– Ба ифтихори ин дӯстӣ писари Амир Темур Шоҳрухи Мирзо дар шаҳристони Тойнобод масҷиди боҳашамате сохтааст. Масҷид то имрӯз боқӣ монда, ба равобити дӯстонаи бисёре аз уламо нақш бозидааст. Қобили зикр аст, ки бисёре аз ҳокимон ва шахсиятҳои маъруф ба ин масҷид омада, намоз хонданро шараф медонистанд. Дар деворҳои масҷид барои меҳмонони олимақом девори ифтихорӣ гузошта шудааст, ки меҳмонон дар он хоҳиш ва ё арзу эҳтиромро худро менависанд. Ҳангоми аз назар гузарондани онҳо навиштаҳои Мирзо Улуғбек ва Алишер Навоиро кашф намудем, – гуфтааст Т.Қӯзиев.

Қобили зикр аст, ки дар қарори Президент аз 19 июни соли 2021 «Дар бораи ташкили фаъолияти Агентии мероси фарҳангии назди Вазорати сайёҳӣ ва варзиш ва чорахои рушди инноватсионии соҳа» қайд шудааст, ки барои реставратсияи объектҳои мероси фарҳангӣ даъват кардани мутахассисони соҳибихтисос аз Эрон ва Туркия ба Ӯзбекистон мадди назар мебошад.

Бо ширкати онҳо корҳои ҳифзи мероси фарҳангӣ бояд роҳандозӣ шаванд. Барои ичрои ин вазифа моҳи гузашта сафари кории ин гурӯҳ ба Эрон ташкил карда шуд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири "Овози тоҷик".

МУЛЛОИ МУСОФИР

(Порае аз қиссаи ҳуҷҷатӣ)

(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Рӯ ба раҳ ба ҷониби Қаротегин аспҳоро тозиёна мезананд. Рӯзи дигар бо нишондоди мӯйсафед ба Обигарм мерасанд. Роҳҳои бехатарро аз одамони таҳҷӯй пурсида, сафари хеш идома медиҳанд. Чун ба деҳаи Кабудҷар мерасанд, резиши бардавоми сангу шағалро дида, ба таҳлука меафтанд. Боз ба ақиб баргашта ба Сарипулак меоянд. Ба ҷониби деҳаи Кабудҷар гузашта, ба деҳаи Яҳч расида, аз сокинони ин ҷо Мулло Султонро ҷӯё мешаванд. Хушбахтона, ӯро дар ин манзил бисёриҳо дида будаанд. Дар бораи паҳлавониаш нақлҳо карда, ҳардуро хушнуд месозанд. Роҳро то ба Камароб нишон медиҳанд сокинони ин манзил. Чун ба Камароб мерасанд, аз ҳар марди пешомада дараки Мулло Султонро мепурсанд.

Яке мегӯяд, ки ба теппаи Хирсон рафтаву он ҷо алафҳои чанд рӯз даравидаашро ғарам мекардааст. Бо ин нишондодҳо ба ҷониби ин теппа меоянд. Ба наздики теппа расида, номашро гирифта садо мекунанд, лекин касе ҷавобе намедиҳад. Чун ба сари теппа боло мешаванд, мардеро мебинанд, ки алафҳои бастаҳударо дар шафати харсанге бо таҳаммул ғанак мекард. Наздиктар омада муоина мекунанд, ки он Мулло Султон аст. Аз аспҳо поён шуда ба ҷониби ӯ медаванд. Аз ин вохӯрии ногаҳонӣ Мулло Султон дар ҳайрат монда, чанде да сӯйи ин ду нафар зеҳн мемонад. Худро беихтиёр ба оғӯши Одинабой партофта, дурудароз ҳарду гиря мекунанд. Баъди минвол, чанде якдигарро аз оғӯш раҳо намекунанд. Шайдамбой низ ин лаҳзаҳои ҳузнангезро муоина мекарду мисли онҳо ашк мерехт. Ин ҳолат борҳо такрор мешуд. Ҳар се ҳарфе нагуфта беист фиғон мекашиданд. Мулло Султон дар ин макон хонаву дар, зану фарзанддор шуда будааст. Ҳар дуро ба хонаи хеш меорад. Саргузашти талху шӯри хешро ба ҷигарбандонаш қисса карда, дили онҳоро ба ғамбода табдил медиҳад.

Онҳо як ҳафтаи дароз дар манзили Мулло Султон мемонанд. Ҳар гаҳ, ки шиносу ошноҳои Мулло Султон онҳоро ба меҳмонӣ мехостааст, ҷигарбанди ӯ Аббоси хурдсол аз домони хешонаш маҳкам дошта, бо лобаву зорӣ талаб мекардааст, ки ӯро низ ҳамроҳашон бубаранд. Мулло Султони дилшикаста ин ҳолро дида, ашкрезон ба гуфтор меояд:

– Худоё, Худовандо, ҳамин кӯдак ҳам устухонҳои худро бишнохт, – гӯён ашки шашқатори хешро бо азобе нигаҳ доштааст.

Тибқи маслиҳати Мулло Норбой Мулло Султонро ҳамроҳ ба Ватани бобоияш меоранд.

Мулло Норбой барои забҳи як шаҳбуз писараш Мулло Султонро сахт озурда буд, баъд аз шонздаҳ соли пайдо шудани ӯ чанд қучқору шаҳбузро забҳ карда, ба мардум оши худоӣ медиҳад.

Бо маслиҳату машварати ҳамагон масҷиди деҳаи Сесангаро таъмир карда, дар ин манзил мактаби динӣ боз мекунанд. Аксари шогирдони ин даргоҳ фарзандони даҳмардаҳои ин деҳа ҳисоб меёфт.

Бад-ин тартиб, се сол дар ин масҷид ба фарзандони аҳли деҳаи Дарбанд, аз китобҳои алифбои арабӣ, "Фарзи айн", "Қоидаи бағдодӣ", "Қуръони Карим", "Гулистон" ва "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ, девони Бедил сабақ медиҳад.

Рӯзе аз рӯзҳои баҳорӣ Мулло Султон дар масҷид ба шогирдон дарс медод, ки харсаворе номи ӯро гирифта, садо мекунад. Ба пешвози ин мард мебарояд ва мард ба дасти ӯ коғазеро дода ба роҳи худ меравад. Чун коғази қатшударо боз карда чашм медавонад, дар он чунин сатрҳо навишта шуда буд:

"Салом Мулло Султон, ба шумо дуову саломи бепоён. Баъди се-чаҳор рӯз, ин барои банда номаълум, энкиведиҳо шуморо ба ҳабс мегиранд. Чорае ёбеду гурезед. Бо эҳтиром Холмирзо Алиев".

Мулло Султон ба таҳлука меафтад. Китобҳои худро дар токчаҳои хонаҳои хешовандон болои ҳам андова мекунад. Тӯшае ба худ гирифта, бо хешону таборон хайру хуш карда, худро ба дарё мепартояд. Дарёи хунӣ ӯро дар дара берун меафканад. Чанде дар ин ҷо беҳолу бемадор гашта, ба худ омада, бо дили пурдарду алам дар чашмонаш нам рӯ ба ҷониби кӯҳи Фарҳод роҳ мепаймояд. Баъди чандин ҳафта дар роҳҳо ҳидмати одамонро ба ҷо оварда, қути лоямуте пайдо карда, ба Камароб мерасад. Дар кунҷи хона ҳамсари бемораш ва писари яккаву ягонааш Аббоси наврасро меёбад. Вақти дар Дарбанд будани ӯ духтаронаш ба бемории сурхча гирифтор гашта, мефавтанд. Баъди чанд рӯз ҳамсараш ба дарду доғи фарзандонаш тоб наоварда мефавтад. Чунонӣ омӯхтам. Худам мустақил кор мекардам. Баъдтар коркарди чубро омӯхтам. Ҳар гоҳ ки аз кор фориғ мешудам, бо мутолиаи китоб машғул мегаштам. Чӣ мегӯед, ки рӯзгори худро бо обилаҳои дастон мечархондем. Як пагоҳӣ дуртар аз манзили мо, марде ба назди ман омада, илтиҷо кард, ки пешайвони ӯро синҷ карда, пӯшонам. Азбаски кору ташвишҳоям хеле зиёд буд, сухани ин мардро рад карда натавонистам. Падари ин мард бо қиблагоҳам шиноси дерин будааанд. Падарам низ дар иҷрои ин кор маро ташвиқ намуд. То нисфирӯзӣ кор кардем, дар хонаи ин марди Худо. Пас аз намози пешин кадоме ин мардро дар берун садо кард. Вақте марди хона аз берун баргашт ба ман гуфт, ки шуморо қиблагоҳатон меҳоҳанд. Ҳама корро ба ҳоли худаш вогузошта ба хонаамон баргаштам. Қиблагоҳ дар ҷойгаҳ хоб карда, маро интизор буданд.

Парешону ҳайратзада аз саломатии эшон пурсидам. Гуфтанд, ки ҳолам хуб аст, ту парешон мабош, бесаранҷом нагард. Дард дар тани мард меҳмон. Фақат як чизеро ба ту кайҳо боз гуфтанӣ будам. Гумон мекунам, ки фурсати гуфтании ин ҳарфу ҳиҷо расид. Намедонам, чаро ҳамин гапҳо ба ҳамин рӯз рост омад, барои банда маълум набуд. Бачам, дуру дароз андешидам, ки одамизод аз сарнавишти хеш берун як қадам монда наметавонистааст. Ҳама кору ҳолеро, ки ба сари инсон меомадааст, зӯр зада ба сари якдигар бор карда, ҷонибҳоро гунаҳгор мекунем, мегӯем, ки ту дар сурати рух задани ин воқеъа гунаҳгорӣ. Гоҳо баҳс мекунем, каштали якдигарро мегирем, вале намедонем ва ё ба таҳлилу арзёбии он ақлу фаросатамон намерасад. Яқин мефаҳмем, ки аз азал ин кору ҳол дар номаи аъмоли мо навишта шуда будааст. Мӯйсафед, баъди нақли ин гуфтаҳо, каме таҳмул кард. Ман гумон мекардам, ки суханҳои пасояндаашро дар хотир ба тартиб меандозад.

– Бачаам, ҳамин тақдири талху шӯр як замоне ба сари ман омад. Дар мусофирию залилиҳо ва ғарибиҳо ҷон ба сахтӣ бурдам. Эҳ, азобҳои кашидаи маро ба ҳеҷ кас Худо насиб нагардонад. Худоҷон, ба номи ширинаш ҷонам фидо бод, маро аз азал як марди таҳамтан офарида. Ҳамин нерӯҳои худодод буд, ки дар ҳар ҷое, ки мушкилӣ пеш меомад, онро дар як они воҳид файсала мекардам. Ҳамин дасту бозуи рустамона буд, ки паҳлавони подшоҳро дар навбати сеюм ба замин зада, вирди забони мардум гаштам. Вақте ки сарвари давра хонаобод "паҳлавони мусофир, муллои мусофир" гуфта ном бурд, гӯё як парча оҳан будаму дар курраи оташ об гаштам. Ва дар ҳамин рӯз ба хубӣ фаҳмидам, ки барои инсон пеш аз ҳама аз Ватан дигар чизи азизу муқаддасот набудааст, бачем. Ҳама дардҳои дар ғарибӣ кашидаам як сӯ буду ин дарди сангин маро дилпора кард, маро садпора кард. Баъди ин воқеа он манзилу маконҳои падарӣ ва бобоямро ёд мекардам.

– Бачам, сониян ҳаминро гуфтаниам, ки марди бе ватан мисли уқоби беболу пар аст. Ҳамеша бар он кӯшед, ки аз аҷдод дур набошед. Ба Дарбанд равед, ватани бобоямонро тамошо кунед. Он замоне, ки бобому бобокалонҳоятон дар Ҳайроншехӣ боғи дилкушое бунёд карда буданд, намедонам, ки он ҳоло побарҷост ё на, рафта бинед. Дар хаққи хешовандон дуоҳо хонед, ки рӯҳашон шод мегардад.

Писарам, ҳамеша дар ёд дошта бошед, ҳеч мардумро надидам, ки дар фахру ҳиммат, меҳмоннавозӣ мисли мардуми мо бошанд. Бо хешу табор рафтуо кун. Одамон донанд, ки ту бемуттако нестӣ, ту такягоҳ дорӣ. Аз мо хубтару беҳтарашро як тан ғарибе гуфтааст, ки ҳеч замону ҳеҷ вақт чунин суҳани зебову волоро дар ҳаққи ғарибон нашунидаам:

Хоки Ватан аз тахти
Сулаймон беҳтар,
Хори Ватан аз лолаву
райҳон беҳтар.
Юсуф, ки дар Миср
подшоҳӣ мекард,
Эй кош, гадо будӣ
ба Каньон беҳтар.

Бачам, ҳамин гапҳоро кайҳо боз ба ту мегӯям гуфта будам, имрӯз Худо насиб гардонида будааст.

– Мо бандаи шири хомхӯрда надонистем, ки ин васияти охирини қиблагоҳ будааст, – гуфт Махсуми Аббос. – Баъди чанд ҳафтаи ин гуфтугӯ, ин дунёро падруд гуфтанд. Мардум чисмашонро ҳамчун пешвои дину диёнаташон ба хок супориданд. Пас аз чанд соли фавташон шогирдонашон гирди қабрашонро бо сангҳо девор бардоштанд.

Нуралӣ РАҶАБ.

Муосирони мо

«АЗ ҲАЁТАМ РОЗӢ ҲАСТАМ»

Маҳбуба дар деҳаи Варзики ноҳияи Чуст дида ба дунё кушодааст. Бо тақозои тақдир бо Шералӣ ном ҷавони тӯракӯрғонӣ издивоҷ мекунад. Ин оила яке аз оилаҳои намунавии маҳаллаи Бордимкӯл ба шумор меравад.

Шералӣ Ҷабборов духтури дандон, дар бунгоҳи тиббии деҳа кор мекунад. Писарони онҳо Бобурҷон ва Улуғбек аз пайи касби падар рафта, стоматолог шуданд. Дилором факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии Намангонро хатм намуд. Духтари хурдӣ Заррина хонандаи синфи 6-уми мактаби деҳа мебошад.

– Аз рӯйи ихтисос технолог ҳастам, аммо дар соҳаи худ кор накардаам, соҳаи соҳибкории оилавиро интихоб намудам. Хоҷагии фермерии бисёрсоҳаро ташкил намудем, 20 сотих олучазор дорем. Замини рӯйи ҳавлиам ҳам 17 сотихро ташкил медиҳад, дар он дарахтони меваноки гуногунро парвариш менамоем. Шавҳарам вақти холии худ бо парвариши мурғ, ғоз, мурғобӣ барин паррандаҳо машғул мешавад, ин машғулиятро дӯст медорад. Сӣ сол аст, ки дар ин маҳалла осуда ҳаёт ба сар мебарем. Дар маҳаллаи мо намояндагони миллатҳои гуногун: тоҷик, ӯзбек, қазоқ, рус аҳлона зиндагӣ мекунанд. Духтарамро ба ҷавони ӯзбек додам, насиб кунад, ба писаронам низ арӯси интихобкардаашонро гирифта медиҳам, – мегӯяд Маҳбуба.

Маҳбубаи соҳибкор дар ҳавлиаш толори фитнес ташкил намуд ва алҳол он ба маскани солимгардонии занону духтарони маҳалла табдил ёфтааст. Чи тавре ки дар боло қайд намудем, ин оила ба сифати тарбияи фарзандони боақлу зирак, чашмикордониву меҳнатдӯстӣ, бо кор таъмин намудани ҳамсояву ҳаммаҳаллаҳо яке аз оилаҳои намунавии маҳалла мебошад.

– Агар зану шавҳар соҳиби дониши пухта, соҳиби касбу кори муносиб бошанд, оила боз ҳам мустаҳкамтар мегардад, – мегӯяд Маҳбуба ҳангоми суҳбат. – Ба фикри ман, норасоии моддӣ сабаби номуросоии оила мегардад. Танбалӣ накарда, ҳамҷиҳатона, бо маслиҳат кор бурда шавад, инчунин дар оила боварӣ ҳукмрон бошад, оила мустаҳкам мегардад. Бо ҳамсарам деҳқонӣ кардем, каланд задем, аз кори саҳро шарм надоштем. Барои солим ба камол расондани фарзандон, хонондану меҳнаткашу инсондӯст шудани онҳо даставвал муҳити оила бояд созгор бошад. Шукри Оллоҳ, аз ҳаётам розӣ ҳастам.

Дарҳақиқат, инсон ба туфайли боварӣ ва меҳнати ҳалол обрӯву эътибор пайдо мекунад. Духтари тоҷик бо чунин ақида ба оилаи ӯзбек арӯс шуд ва мавқеи худро дар ин оила мустаҳкам намуд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
вилояти НАМАНГОН.

Ҳунар – чашмаи зоянда

СУЛОЛАИ ҲАШТУМ

Ҳар як маҳсулоти кулолӣ бо зебоӣ, нозукиаш харидори худро соҳиб аст. Аз онҳо нафақат барои хоҷагӣ ва рӯзгор, балки ба сифати экспонатҳои гаронбаҳо низ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Имрӯз дар кишварамон ҳар як ҳунарманд маҳсулоти дастсохти худро бе ҳеч мамониат фурӯхта метавонад ва барои онҳо дар бозорҳо растаҳои махсус ташкил карда шудааст. Ҳунармандони имрӯзаи мо аз ин шароит самаранок истифода бурда, баробари идома додани арзишҳои миллии қадима, услуб ва роҳҳои нави эҷодиро кашф менамоянд.

Яке аз онҳо ҳунарманд-кулол Нӯъмон Облоқулов мебошад, ки дар ҷамоати шаҳрвандони «Юқори Калонгар»-и ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд буду бош дорад.

– Ман идомадиҳандаи авлоди ҳаштуми кулолсозон мебошам. Маро ҳеч кас "кулол мешавӣ" гуфта маҷбур накардааст. Муҳити оила, анҷому зарфҳои аз лой сохташуда, ба ҳавлиамон омаду рафти соҳибони ин касб маро ба соҳа ҷалб намуд. Дар оилаамон чунин анъана мавҷуд аст, ки калонҳо ба хурдҳо ҳар як сеҳри касби худро меомӯзанд, яъне, анъанаи "устоду шогирд" ба роҳ монда шудааст. Хурд будам, бобоям як порча лойи тайёрро ба наздам партофта гуфт: "Ҳаракат кун, ба ҳаракати дастони ман диққат кун", – мегӯяд Н. Облоқулов. – Ҳаракатҳоям зоеъ нарафтанд. Дар озмуни ҷумҳуриявии "Ташаббус–2005" ҷойи сеюм, "Ташаббус–2009" ҷойи дуюмро ишғол намудам. Бо унвони "Устои халқии Ӯзбекистон" тақдиронида шудам.

Маҳсулоти нафиси кулолии устo, ба монанди коса, лаган, хум, гулдон ва кӯзаҳои мухталиф на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар шаҳрҳои Русия ва ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ харидоргир аст.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Дар сурат: *усто-ҳунарманд Н. Облоқулов.*

Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.

Ба ҷойи табрик

ПРОФЕССОРИ ПАНҶОБӢ

Ҳурмату эътибор ва мартабаи Рӯзимурод Қаландаровро ба туфайли илму фан аст. «Олим бошӣ, олам аз они ту» гуфтаанд донишмандон.

Мо бо Рӯзимурод Қаландаров дар мактаб якҷоя таҳсил гирифтаем, ҳамсинф ҳастем. Зеҳни тез дошт ва ба илм ташна буд. Алалхусус, аз фанҳои физика, математика ва кимё шавқу завқаш баланд буд, мавзӯъҳоро хуб аз бар мекард, вазифаҳои хонагиро ба дафтари умумӣ навишта, ҳамеша ба дарсҳо тайёр буд. Ҷустуҷӯҳои пайвастааш дар роҳи илм, имрӯз ӯро ҳамчун олими забардаст, эҷодкори варзида ба мақому мартабаҳои бузург сазовор намуд, ки аз он мо ифтихор менамоем. Дар замони кунунӣ, ки илму фан рӯз то рӯз равнақ меёбаду ихтироъкориҳои инноватсионӣ рушд мекунад, дар соҳаи таълим, алалхусус, таълими олӣ таҷриба ва маҳорати Қаландаров барин устодон намунаи ибрат аст ва сарчашмаи муваффақиятҳост. Аз рӯйи ихтисоси худ машғулоти назариявӣ ва амалии ӯ, ба талабагон панду насиҳатҳояш, роҳу равиш, дастурҳои дар мавзӯъҳои наву тоза иншокардаву фаъолияти пурсамараш ба эътироф сазовор аст.

Р.Қаландаров дар диёри хушманзараву хушбоду ҳавои Панҷоби ноҳияи Бойсун дар оилаи хидматчӣ таваллуд ёфтааст. Оилааш дар миёнаҳои асри гузашта дар ҷараёни кӯчбандии оммавӣ ба ноҳияи Олтинсойи имрӯза меоянд. Рӯзимуроди ҷавон баъди хатми мактаби нопурраи деҳа таҳсилро дар мактаби рақами 2-юми шаҳри Тирмиз давом медиҳад. Азбаски аъло меҳонд, маъмурияти мактаб пешбарандаи ташкилоти ҷавонон, лаборантии кабинети физикаро ба дӯши ӯ вогузошта буд. Мактабро бо медали нукра тамом намуда, худи ҳамон сол ба факултаи механикаи Донишкадаи бофандагӣ ва саноати сабуки Тошканд қабул шуд.

Маскани олии таълимро бо дипломи имтиёзнок хатм намуда, мутахассиси ҷавон бо роҳхат ба заводи пахтатозакунии Тирмиз ба кор меояд. Дар ин миён қарзи ватаниро ҳам сарбаландона адо намуда, муддати 6 сол дар корхона ба ҳайси муҳандис, раҳбари шуъба, механик самарнок фаъолият менамояд. Дар он замон мамлакатамон базаи асосии пахтаистеҳсолкунии Иттиҳоди Шӯравӣ маҳсуб меёфт. Аммо ҳосилро аз нав кор карда, ба нах мубаддал намудан ҷараёни осон набуд ва муаммоҳои зиёде эҷод мекард. Алалхусус, пахтаи қимматбаҳои навъи маҳиннахро аз нав кор карда, ба ашёи хом табдил додан мушкил буду машаққати зиёд талаб мекард. Решаҳои ана ҳамин мушкилиҳоро пайдо намуда, меҳнати пурзаҳмати кормандони саноати азнавкоркарди пахтаро осон намудан ва комёбиҳои фан ва техникаро дар соҳа ҷорӣ намудан ақлу ҳуш ва шуури мутахассиси ҷавону ҷӯяндаро забт намуд. Ба ҳамин мақсад ба аспирантураи даргоҳи олие, ки худ таҳсил гирифта буд, таҳсилро идома дода, тадқиқоти илмӣ бурд. Ба туфайли ҷустуҷӯйи мунтазам дар муддати 3 сол оид ба мавзӯи «Технологияҳои тозасозии навъҳои пахтаи маҳиннахи мураккаб» кори илмиашро бомуваффақият ҳимоя карда, дар ин раванд ба дарачаи номзади илм расид.

Дар давоми таҳсил бо баробари дар вазифаи ходими илмӣ кор кардан дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳурӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ баҳри такмил додани ҷараёни азнавкоркарди пахта, баланд бардоштани самарадории кори мошин-механизмҳо, ҳамчунин масъалаҳои мубрами беҳсозии шароити меҳнати коргару ходимон даҳҳо мақолаҳо дарҷ намуд ва аҳамияти онҳоро илман асоснок кард. Ба ҳайси мудири лабораторияи трести истеҳсоли пахтаи вилоят, сармуҳандиси дирексияи сохтмон фаъолият намуд.

Р.Қаландаров ба ҳайси муаллими калон, мудири кафедра, декани факултет кор кард. Соли 1984 ба ӯ унвони дотсентӣ доданд. Устоди ташаббускор ва серғайрат дар матбуоти ҷумхурӣ ва хориҷӣ зиёда аз 20 мақолаи илмӣ-услубӣ чоп намуд ва ҷариб 10 дастури методӣ дарҷ кард.

Устод дар як қатор анҷуманҳои ватаниву хориҷӣ дар мавзӯъҳои муҳими саноати пахта маърӯзаҳо хондааст ва барои ҷустуҷӯҳои илмӣ-услубии пурбаракаташ дар соҳа соли 1992 оид ба фанҳои мошинсозӣ ба унвони профессорӣ ноил гардид.

Устоди садҳо касбу кор, ташкилотчӣ ва тадбиркор баъди ба нафақа баромадан ҳам хонашин нашуд. Дар мавзӯи «Омӯзиши назариявӣ ва эксперименталии таърифу тавсифи байниҳамдигарии технологӣ ва садоафканӣ» рисолаи докторӣ навишт.

Дарвоқеъ, ҳамаи олиму фузалои ҳар давру замон бо баробари корҳои асосиашон бо кори эҷодӣ низ шуғл варзидаанд. Профессор Қаландаров ҳам солиёни зиёд боз шеър, ҳангомаҳои ҳаҷвӣ ва ҳикояҳо иншо намуда, дар саҳифаҳои матбуот эълон менамояд.

«Нигоҳ ба само» (1996), «Таърихи Панҷоб ва панҷобиён» (1997), «Асрори дил» (2011), «Инсон ва табиат» (2019), «Устод ва шогирд» (2021 – ҳаммуаллиф) аз ҷумлаи онҳост. Эҷодкори ҷӯянда фикру мулоҳизаи китобхонҳоро ба инобат гирифта, асари этнографии «Таърихи Панҷоб ва панҷобиён»-ро такмил дода, нашри дуюми онро омода сохта, ба чопхонаи «Сурхон-нашр» супоридааст ва он рӯзҳои наздик ба дасти мухлисон хоҳад расид. Бо Ширкати телевизион ва радиои вилоят ҳамкорӣ намуда, ду телефилм тайёр карда тавассути барномаи «Чашмасор» ба тамошобинон ҳавола сохтааст.

Бо ташаббуси сарвари давлатамон муҳтарам Ш.Мирзиёев дар шаҳри Тирмиз филиали Донишгоҳи техникии Тошканд кушода шуд ва ин ба Р.Қаландаров айни муддао шуд. Устод ба вазифаи профессори кафедраи фанҳои касбҳои умумӣ муносиб дониста шуд. Аз сентябри соли 2020 бо ғайрату шуҷоат ба донишомӯзон асосҳои фан ва ҷиҳатҳои хоси онро омӯзонида истодааст. Бо мамнуният таъкид месозад, ки дар кошонаи навташкилшудаи илму маърифат кор кард. Гӯё ки ӯро аз нав ҷавон кард.

Устод ба донишҷӯёни соли дувум ва сеюм аз фанҳои механика, маводи технологӣ, назарияи механизм ва мошинҳо маърӯза мехонад, машғулоти амалӣ мегузаронад. Дар ҷараёни машғулоти назариявӣ ва амалӣ дигаргуниҳои соҳаро ба толибони илм чуқур меомӯзонад, ба ҳалли масъала ва муаммоҳои мавҷуд алоҳида эътибор медиҳад. Хонаи алоҳида, маҷмӯи воситаҳои техникӣ (компютер), ҳамчунин ҷиҳозу асбобу ускунаҳои замонавӣ барои самарадории машғулоти дарсӣ хидмат менамоянд.

Падари бузургвору меҳрубони 7 нафар фарзандоне яке аз дигар қобил, бобои хирадманду пиру бадавлати зиёда аз 30 нафар наберагони дӯстрӯ – Рӯзимурод Қаландаров ҳоло 80-умин баҳори зиндагиашро истиқбол менамояд. Ҳар нафаре, ки бо ӯ аз суҳбаташ баҳраманд мешавад, меҳоҳад, ки боз бо ӯ бошаду бештар мулоқот намояд. Зеро ӯ якумр дар роҳи илму фан хидмат намуду дар қалби шогирдону одамон нуру зиё бахшид, ба корҳои хайр даст зад.

Аннақул ШОЙМАРДОНОВ,
вилояти СУРХОНДАРЁ.

Дар ҷевони китоб

АСАРИ ПУРАРЗИШ БА ТОҶИКӢ

Нависандаи халқии Ӯзбекистон шодравон Ӯткур Ҳошимов муаллифи бисёр ҳикоя, қисса ва роману драмаҳои дилнишин буда, асарҳои ҷолиби таваҷҷуҳи вай ба бисёр забонҳои дигар тарҷума шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» низ чанд намуна аз эҷодиёти ин адиб чоп гардида буд.

«Қайдҳо дар ҳошияи дафтар» танҳо дар кишвари мо бештар аз 10 маротиба нашр шудааст, ки аз хонданибоб будани асари мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Чуноне ки муаллиф дар пешгуфтори асар навиштааст, китоб мушоҳида ва андешаҳои нависанда аст, ки ҳар як хулосаи он як асари алоҳида ба ҳисоб меравад.

Чанде пеш китоби мазкур дар тарҷумаи Аслиддин Қамарзода ба забони тоҷикӣ рӯйи чопро дид.

Ба қарибӣ дар китобхонаи ба номи Пушкини шаҳри Самарқанд муаррифии он баргузор гардид.

– Ман аз айёми бачагӣ мухлиси адиби тавоно Ӯткур Ҳошимов будам, – гуфт раиси Маркази фарҳанги тоҷикони Самарқанд Акбар Маҳмудов, – ният дорам, ки китоби адиброй ройгон ба мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии тоҷикии вилоят тақсим кунем.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Дар мавзӯи муҳим

КӢ БА РАИСИИ МАҲАЛЛА МУНОСИБ?

Маҳалла маскани муқаддас буда, дар он арзишҳои инсонӣ инкишоф меёбад ва ҳамчун маъвои ибратбахш ва боиси ифтихормандии мардумони оддӣ дониста мешавад. Аз ҳамин сабаб мардуми ҷаҳон таҷрибаи дар кишвари мо ривоҷёбии институти маҳалларо чун яке аз кашфиётҳои ноёб меҳисобанд, ки ин баҳои хеле баланд ва ҷоиз низ мебошад.

Маълум аст, ки соли 2022 аз тарафи Президент Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол эълон гардид. Вобаста ба ин аз оғози соли 2022 дар сар то сари кишвар баҳри ривоҷёбии маҳаллаҳо як қатор дастуру фармоишҳои дахлдор низ ба имзо расид, ки ин бевосита баҳри беҳбудӣ ва боз ҳам обод гардонидани маҳаллаҳо нигаронида шудааст.

Алалхусус, дар арзи се моҳ ба маҳаллаҳо эътибори ҷиддӣ дода шуд. Баҳри боз ҳам рушд ёфтани маҳалла ёрдамчиёни ҳоким дар маҳаллаҳо таъин гардид, ки фаъолияти онҳо танҳо бо аҳолии маҳалла вобастагӣ дорад. Ин шахсони масъул бевосита паҳлу ба паҳлуи мардум истода, баҳри рушди иқтисодиёт ва беҳбудии маҳаллаҳо хидмат менамоянд.

Бо баробари ин баҳри ҷавононро бо ҷойи кор таъмин намудан як қатор имтиёзҳо низ дода шуд. Чунончи, ба ҷавонон иҷора додани замин имконияти хубест барои онҳо. Имрӯзҳо ҳар як ҷавони соҳибақл агар нияти пеш бурдани соҳибкориро дошта бошад, барои ин дар маҳаллаҳо шароиту имконият мавҷуд. Ӯ баҳри ба амал баровардани ин нияташ бо лоиҳаҳои самарабахш роҳҳои рушди тадбиркориро бояд ҷустуҷӯ кунад. Ӯ метавонад бо гирифтани кредит бе ҳеҷ монеа ва фоизи кам дар андак муддат фаъолияти тадбиркориашро идома диҳад.

Азбаски моҳи майи соли ҷорӣ интихоботи навбатӣ ба раисии маҳаллаҳо оғоз мегардад, хостем дар ин хусус чанд фикру ақидаи хешро иброз намоем. Суоле ба миён меояд. Кӣ ба раисии маҳалла қодир ва ё муносиб? Ба фикри мо, оне метавонад аз ӯҳдаи ин вазифаи сермасъулият барояд, ки дарҳақиқат таҷрибаи кофӣ дошта бошад, соҳибобрӯ, донишманд, иқтисоддон, равоншиноси, дилёбу мардумпараст, кордону ташаббускор бояд бошад. Зеро бе надоштани ин гуна хислатҳо вай наметавонад бо мардум сару кор гирад ва ё чун раиси маҳаллаи номдор байни халқ шуҳрат ёбад.

Рӯирост бояд қайд намоем, ки ҳукумати кишвар бисёр сарбориҳоро аз дӯши раиси маҳалла сабук намуд. Ин ба хотири чист? Албатта, аз раисони маҳаллаҳо талаб карда мешавад, ки танҳо бо аҳолии ҳудудашон сару кор дошта бошанд. Бар замми ин ободии маҳалла, гулу гулзор намудани гирду атрофи он, бо одамон ҳамеша дар мулоқот будан, дарду ташвиши мардуми маҳалларо дарду ташвиши худ донистан аз вазифаҳои аввалин ва пуршарафи ҳар як раиси маҳалла маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, баъди чанде ҳар яки мову шумо ҳуқуқи ба номзади арзанда овоз доданро пайдо менамоем. Биёед, бо дидаи ҳақбин, холисона баҳри фардои шукуфони маҳаллаи хеш ба номзадҳои арзандае, ки воқеан дар паҳлу ба паҳлуи мову шумо истода, дар ҳама ҳолат ҳозиру нозир ҳастанд, овоз бидиҳем.

С. МУҲАММАДҶОН,
ноҳияи Сариосиёи
вилояти Сурхондарё.

Дар маҷмӯи «Самандҳои водӣ»-и ҷамъияти саҳҳомии «Кварс», ки дар шаҳри Қувасойи вилояти Фарғона воқеъ шудааст, оид ба зиёд кардани аспҳои зотӣ ва рушди варзиши асп корҳои зиёд анҷом дода мешаванд.

Дар маҷмӯъ гузаронидани мусобиқаҳои гуногун, сайёҳии дохилӣ ва машғулиятҳо дар доираи варзиши асп ба ҳукми анъана даромадааст.

Дар ҳақиқат, шароити мусоиде, ки дар маҷмӯъ офарида шудааст, имкон медиҳад, ки ташаббусҳои нав дар бахши асппарварӣ, селексия ва рушди варзиши асп дастгирӣ карда шаванд.

Дар сурат: *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Самандҳои водӣ».*

Суратгир: М. ҚОДИРОВ. ӮзА.

ИМТИЁЗИ БОНУВОН БОБАТИ ДОХИЛШАВӢ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

— Дар лоиҳа вазорату идораҳои дахлдор чӣ мавқеъ доранд?

— Албатта талаб карда мешавад, ки дар ин ҷараён бисёр вазорату идораҳо ё шуъбаҳои минтақавии онҳо иштирок намоянд. Пешбинӣ шудааст, ки талабгорон бояд барои тавсиянома гирифтан ба шуъбаҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ)-и занону духтарони ҷойи истиқомат ва ҷое, ки муваққатан ба рӯйхат гирифта шудаанд, ҳар сол аз 1 май то 1 июл дар шакли электронӣ муроҷиат кунанд, дар шуъбаҳои оила ва занону духтарони ноҳия (шаҳр) аз ҷониби Гурӯҳҳои корӣ маълумотҳоеро, ки мизонро тасдиқ менамоянд ва ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути сохтори интегратсиякунонии байниидоравии "Ҳукумати электронӣ" ва низоми меҳнати миллии ягонаи Вазорати муносибатҳои шуғл ва меҳнати Ӯзбекистон гирифта шавад.

Ҳамчунин дар лоиҳа ба зиммаи Вазорати муносибатҳои шуғл ва меҳнат вазифаи дар давоми ду моҳ ташаккул додани рӯйхати занону духтароне, ки аз рӯйи ихтисос камаш панҷ сол собиқаи корӣ доранду соҳиби маълумоти олӣ нестанд, гузошта шудааст.

— Талабгороне, ки тавсиянома доранд, барои ба самти бакалавриати муассисаҳои таълими олӣ қабул шудан дар кучо бояд аз рӯйихат гузаранд?

— Дар лоиҳаи мазкур ин чиҳат низ ба назар гирифта шудааст. Яъне талабгороне, ки тавсиянома доранд, барои қабул ба самти бакалавриати муассисаҳои таълими олӣ дар муддати пешбинишудаи тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии дарамалбуда тавассути Портали хидматҳои давлатии интерактиви ягона ё веб-сайти расмии Маркази давлатии тест аз рӯйихат мегузаранд.

Дар ин маврид маълумотҳои доир ба имтиёзҳои занону духтарони тавсияномадор тавассути барномаи махсуси Маркази тести давлатӣ дар ҷараёни аз рӯйихат гузаштан дар хонаи кории шахсии талабгор ташаккул меёбад. Агар дар хонаи кории шахсии талабгор тавсияномаи ба ӯ дахлдор мавҷуд набошад, ба кумита муроҷиат карда мешавад.

Имрӯзҳо ин ҳуҷҷат тибқи тартиби пешбинишуда, бино ба тавсияҳои вазорату идораҳо ва фикри аҳли ҷомеа такмил дода мешавад.

Мусоҳиб
Назокат УСМОНОВА,
хабарнигори ӮзА.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4864 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.